# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пешниҳод шудааст

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютериро, ки то ба имрӯз аз ҷониби педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммал ва алоҳида таҳқиқи илмӣ - амалии он анҷом нагардидааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб кардааст.

Ҷомеаи муосир ба шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, таффакури интиқодӣ ва масъулиятшиносу фаъол ниёз дорад. Замони муосир муносибати навинро ба раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот талаб менамояд. Масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар ҳама давру замон ва дар ҳамаи соҳаҳои илм: педагогика, психология, забоншиносӣ, этика ва дигар соҳаҳо таваҷҷуҳи олимони тамоми дунёро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои психологӣ – педагогии ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдаконро дар синни томактабӣ медиҳад.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда масоили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ислоҳи нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои

компютерӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддимаи  кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби аввал «Заминаҳои назариявӣ-педагогии таълим ва тарбияи кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ» масъалаҳои таснифоти психологӣ - педагогии кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ, нуқсони нутқии алалия дар кӯдакони синни томактабӣ - объекти педагогӣ-психологӣ ва асосҳои назариявӣ-педагогии истифодаи технологияҳои компютерӣ-иттилоотӣ дар таълими кӯдакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дувум андешаҳои муаллиф доир ба «Шароитҳои озмоиши истифодаи технологияҳои компютерӣ дар корҳои ислоҳӣ-логопедӣ бо кудакони нуқсони нутқидоштаи синни томактабӣ» баён гардида, масъалаҳои асосҳои корҳои коррексионию логопедӣ дар раванди таълими кӯдакони синни томактабии имконияти маҳдуддошта, мақсад ва вазифаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ-педагогӣ, барномаҳои компютерӣ ва тарзи истифодабарии онҳо дар таълими кӯдакони синни томактабии нуқсони нутқидошта дар мисоли алалия, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ислоҳи нутқи кӯдакони синни томактабӣ натиҷагирӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидаи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Ҳарчанд, автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, аҳамияти муҳими назариявию амалиро соҳиб бошад ҳам дар он хатоиҳои техникӣ ва

имлой ба назар мерасад, киислоҳи он зарур мебошад. Хатоиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ислоҳшаванда мебошад.

Умуман, автореферат ва диссертатсияи Ҳақназаров Толибҷон Меҳриддинович дар мавзуи «Ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути технология ва барномаҳои компютерӣ» ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз руйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф Собиров С.Ф.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

“Имзои Собиров Сафарбекро тасдиқ мекунам”

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода М.